# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Салимов Аслиддин Иномҷонович дар мавзуи “Идеяи баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ба асримиёнагии тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа.**

Масъалаи баробарии иҷтимоӣ ва адолати иҷтимоӣ яке аз муҳимтарин мавзуъҳо дар ҳамаи давру замон буда, ҳанӯз аз бомдоди шаклгирии ҷомеаи башарӣ он дар шакли арзишҳои ахлоқӣ ба миён омада, минбаъд бо ташаккулёбиии ҷомеаи инсонӣ шарҳу баррасиаш густурда гардидааст. Идеяи баробарии инсонҳо пеш аз ҳама аз вуҷуди инсон ба ҳайси як мавҷуди хориқуллодаи дорои хираду шуур маншаъ мегирад. Вақте ба таърихи рушди тафаккури башарӣ назар меафканем, ба чунин натиҷа мерасем, ки дар ҳар даврае масъалаи баробарии инсонҳо ё ҳамчун мавзуи сиёсӣ ё ба ҳайси мавзуи иҷтимоӣ ё ба ҳайси мавзуи ахлоқӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ҳамин аст, ки ин масъаларо ҳанӯз аз аҳди бостон дар дидгоҳ, ақоид ва фалсафаи мардуми Шарқ, бахусус гузаштагони халқи тоҷик метавон мушоҳида намуд. Ҳанӯз аз даврони маздакия, монавия, ин масъала дар меҳвари андешаи мардуми мо қарор гирифта буд. Агар ба таърихи куҳантари он назар афканем, сарчашмаҳои он ба даврони Ҷамшеди пешдодӣ ва Куруши Кабиру Коваи оҳангар мерасад. Қобили зикр аст, ки ин масъала баъдан дар дигар ҷараёнҳои фалсафии ғарбию шарқӣ бо мафҳум ва назарияҳои гуманизм, либерализм, сотсиолизм, коммунизм, феминизм, индивидуализм, интернатсионализм ва ҳамчунин раванду ҷараёнҳои инқилобҳои гуногуни таърихию сиёсӣ, ки сабаби дигар шудани сохтори иҷтимоии башарӣ гардидаанд маҳз аз ҳамин идеяҳо маншаъ мегирад.

Мавзуи мавриди пажуҳиш қарор додаи диссертант вобаста аз муқаддимоти боло дорои аҳамияти муҳими назариявию амалӣ буда, он ба воситаи масъалагузорӣ ва таҳқиқ собит менамояд, ки мутафаккирони тоҷик аз даврони бостонӣ масъалаи ҷомеаи баробар, озод, адолатхоҳона ва тибқи талаботи ахлоқӣ зиндагӣ намуданро ҳанӯз дар давраи ба миён омадани

афкори зардуштия ҳамчун мафҳуми ҷамъияти адолатхоҳ дар худ инъикос намуда буданд. Баъдан ин мавзуъ дар таълимоти Маздаку Форобӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, онро исмоилиён ва Носири Хисрав низ дар шакли принсипҳои ахлоқӣ ташаккул додаанд.

Унвонҷӯ бо риояи суннати рисоланигорӣ дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, методҳои таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, объекти таҳқиқ, предмети таҳқик, саҳми шахсии муҳаққиқ дар таълифи диссертатсия, нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд ва коркарди амалии натиҷаҳои диссертатсия барин масъалаҳоро баён кардааст.

Муаллиф дар заминаи маводи фаровон ҷанбаҳои муҳим ва пурарзиши мавзуи диссертатсияро, ки аз муқаддима, тафсифи умуии таҳқиқот, ду боби иборат аз шаш зерфасл, мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар хулоса натиҷаҳои аз таҳқиқ бадастомада ҷамъбаст карда шудаанд. Бояд гуфт, ки натиҷагириҳои муаллиф илмӣ ва мантиқӣ буда, аз сатҳи хуби дониши фалсафӣ ва тафаккури таҳлилии ӯ гувоҳӣ медиҳанд.

Унвонҷӯ вобаста ба мавзӯи мавриди таҳқик дар маҷаллаҳои илмиии тақризшавандае, ки КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, 5 мақола ба чоп расонидааст.

Мақолаҳои нашрнамудаи диссертант мазмуни диссертатсияро пурра инъикос менамоянд. Матни тоҷикии автореферати диссертатсия бо тарҷумаи русии он комилан мувофиқат менамояд.

Дар автореферати диссертатсияи дар баробари дастовардҳо баъзе камбудиву нуқсонҳо ба мушоҳида мерасанд, аз ҷумла:

1.Ба андешаи мо, хуб мебуд агар унвонҷӯ сарчашмаи масъали адолату баробариро дар афкору андешаи мардуми эронитабор аз

даврони қабл аз таърих ва устраҳо ҷустуҷӯ намуда, ҷиҳати арзёбии он ба “Шоҳнома” мурочиат мекард.

2.Андешаи адолату баробарӣ, дар даврони Ҳахоманишиён, бахусус Куруши Бузургро пажуҳиш намудан аз манфиат холӣ набуда, умедворем пажуҳишгар дар таҳқиқоти минбаъдаи хеш ба ин ду масъалаи болозикр таваҷҷуҳ хоҳад намуд.

3. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ ба мушоҳида мерасанд.

Нуқсонҳои ишорашуда ислоҳпазиранд ва ба муҳтавои кор халали ҷиддӣ ворид намесозанд, бинобар ин, бо эътимоди комил метавон гуфт, ки фишурдаи диссертатсияи Салимов Аслиддин Иномҷонович дар мавзуи “Идеяи баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ба асримиёнагии тоҷик” ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илми фалсафа, и.в. дотсенти
кафедраи фанҳои гуманитарии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Ҷураев Р.З.

**Маълумот барои иртибот:**
**Суроғаи корӣ:**734055 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
к. Н. Қарабоев – 63/3
**Тел:** +992(37) 931131864 моб.
**E-mail:** radjab_rstu1965@mail.ru
07.10.2023

Имзои номзади илми фалсафа, и.в. дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Ҷураев Р.З. тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДТТ Бухориев Н.А.